*УДК 340*
*DOI 10.24412/3005-849X-2025-1-22-28*

## *БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ НИШОНАҲОИ ХОҶАГИҲОИ БОЮ КУЛАКӢ ВА ТАРТИБИ БАРҲАМДИҲИИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ ДАР ДАВРАИ КОЛЛЕКТИВОНИИ КИШОВАРЗӢ*

***Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич,***
*д.и.ҳ., профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПРИЗНАКОВ КУЛАЦКИХ ХОЗЯЙСТВ И ПОРЯДКА ИХ ЛИКВИДАЦИИ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ В ПЕРИОД КОЛЛЕКТИВИЗАЦИИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА*

***Мухаммадиев Изатулло Сайфуллоевич,***
*д-р юрид. наук, профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

## *SOME ASPECTS OF DETERMINING THE CHARACTERISTICS OF KULAK FARMS AND THE PROCEDURE FOR THEIR LIQUIDATION IN SOVIET TAJIKISTAN DURING THE PERIOD OF COLLECTIVIZATION OF AGRICULTURE*

***Muhammadiev Izatullo Sayfulloevich,***
*doctor of legal sciences, professor of the department of theory and history of state and law of the faculty of law under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *izatullomuhammadiev@gmail.com*

*Баъзе масъалаҳои муайян намудани нишонаҳои хоҷагии бою кулакҳо, ки барои минбаъд барҳамдиҳӣ ва зери таъқибу фишорҳои гуногун мондани чунин хоҷагиҳо асос мегардид, таҳқиқ шудааст, ки яке аз саҳифаҳои норавшани гузаштаи таърихии халқи тоҷик мебошад. Таъкид шудааст, ки дар деҳоти тоҷик ва собиқ давлати шуравӣ солҳои 1918 -1930 хоҷагии бою кулакҳо дар асоси рӯйхати шахсони аз ҳуқуқи интихоботӣ махрумшуда, ба таври инфиродӣ андозсупоранда, меҳнати кироярo истифодабаранда ва шахсони аз ҳисоби даромади муфт зиндагикунанда муайян карда мешуданд, нишонаҳои хоҷагиҳои деҳқонии кулакӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мушахас нагардида буданд ва тибқи меъёрҳои гуногун муайян карда мешуданд. Зикр гардида аст, ки ҳаҷми андози супоридаи хоҷагӣ дар аксар мавридҳо боиси аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум шудани соҳиби он мегардид ва ба деҳқони бо ягон сабаб аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум шуда, фавран андози инфиродӣ муайян карда шуда, хоҷагии вай ба рӯйхати хоҷагиҳои "кулакӣ" дохил мегардид. Минбаъд чунин хоҷагиҳо барҳам дода шуда, сардорони хоҷагӣ ва аъзоёни он аз ҳуқуқҳои гражданӣ ва конститутсионӣ, ҳуқуқҳои интихоботӣ маҳрум мегардиданд ва мавриди таъқиботи ғайрисудӣ қарор мегирифтанд. Барҳамдиҳии хоҷагии бою кулакҳо тибқи директиваҳои мақомоти партиявӣ, комиҷроияҳо, фармонҳои ОГПУ, сиркулярҳои комиссарҳо, санадҳои зерқонунӣ ва маҳаллӣ амалӣ карда мешуд.*

***Калидвожаҳо:*** *хоҷагиҳои кулакӣ, маҳрум намудан аз ҳуқуқ, ҳуқуқи интихоботӣ, коллективонии умумӣ, деҳқонон, андози инфиродӣ, меҳнати кироя, хоҷагии якка ҳуқуқҳои интихоботӣ*

*Рассматриваются некоторые аспекты определения признаков кулацких хозяйств, которые послужили основанием для их дальнейшей ликвидации и преследования в ходе всеобщей коллективизации, что является одной из неизученных страниц исторического прошлого таджикского народа. Подчёркивается, что в сельской местности Таджикистана и бывшего Советского государства в 1918-1930 годах кулацкие хозяйства определялись на основе списка лиц, лишенных избирательных прав, индивидуальных*

*налогоплательщиков, наемных трудопользователей и лиц, живущих на нетрудовые доходы. Признаки кулацких хозяйств и порядок их ликвидации не были конкретизированы в правовом порядке и определялись по разным критериям. Отмечается, что сумма налога, уплачиваемого дехканским хозяйством, в большинстве случаев приводила к лишению его владельца избирательного права, а если человек по каким-либо причинам лишался избирательного права, то для него сразу же определялся индивидуальный налог и его хозяйство включалось в список кулацких хозяйств. В дальнейшем такие домохозяйства ликвидировались, главы этих хозяйств и их члены лишались гражданских, конституционных и избирательных прав и подвергались внесудебному преследованию. Ликвидация кулацких хозяйств осуществлялась на основе директив партийных органов, Советов, приказов ОГПУ, циркуляров, подзаконных и местных актов.*

***Ключевые слова:*** *кулацкие хозяйства, лишение прав, избирательное право, всеобщая коллективизация, дехкане, индивидуальный налог, наемный труд, единоличное хозяйство, избирательное право*

*The article examines some aspects of the definition of the characteristics of kulak households, which served as the basis for their subsequent liquidation and persecution during the general collectivization, which is one of the unexplored pages of the historical past of the Tajik people. It is emphasized that in rural areas of Tajikistan and the former Soviet state in 1918-1930, kulak farms were defined on the basis of a list of persons deprived of voting rights, individual taxpayers, hired laborers and persons living on unearned income. The characteristics of kulak farms and the procedure for their liquidation were not specified in the legal order and were determined according to different criteria. It is noted that the amount of tax paid by a peasant farm, in most cases, led to the deprivation of its owner's voting rights, and if a person for some reason was deprived of the voting rights, then an individual tax was immediately determined for him and his farm was included in the list of kulak farms. Subsequently, such households were liquidated, the heads of these households and their members were deprived of civil, constitutional and electoral rights and were subjected to extrajudicial prosecution. The liquidation of kulak households was carried out on the basis of directives of party organs, Soviets, OGPU orders, circulars, by-laws and local acts.*

***Key-words:*** *kulak farm, deprivation of rights, voting rights, general collectivization, dehkan, individual tax, hired labor, individual farm, right to vote*

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо кулакҳо - категорияи деҳқонони бой буда, чун буржуазияи деҳот дар замони ба табақаҳо ҷудо шудани деҳқонон пайдо шуда, дар хоҷагии худ меҳнати кирояро мунтазам истифода менамуданд. Кулакҳо дар Русияи подшоҳӣ баъди ислоҳоти деҳқонии соли 1861 паҳн шгудаанд [6, с.188].

Баъди бақарор шудани ҳукумати шуравӣ кулак - чун деҳқони бой, соҳибмулк, ки меҳнати кирояро мунтазам истифода мебарад ва ҳамчун одами хасис ва манфиатҷуй шарҳ дода мешуд [12, с.313]. Соли 1918 ин мафҳум васеъ гардида, ҳамаи деҳқононе, ки аз супоридани ғаллаи худ ба отрядҳои Москва саркашӣ мекарданд, чун кулак маънидод мешуданд [2, с.105]. Деҳқонҳои бой ва сарватманд, ки батракҳоро истифода бурда, аз меҳнати кироя фоида мегирифтанд "кулак", "синфи истисморкунанда", "унсурҳои зиддисоветӣ" ва ғайра номида мешуданд. Қонунгузории шуравӣ нисбат ба намояндаҳои синфи доро, шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок, кулакҳо, деҳқонони ба муқобили коллективонии оммавӣ баромад карда ё уҳдадориҳои давлатиро иҷро накарда татбиқ намудани ҷазоҳои сахтро пешбинӣ мекард [4].

Дар солҳои азнавсозии сотсиалистии соҳаи кишоварзӣ ва коллективонии умумии деҳот, ки дар мамлакати шуравӣ соли 1929 оғоз гардид, аз ҷиҳати ташкилию хоҷагӣ пойдор гардонидани сохти колхозӣ ва ҳамзамон барҳамдиҳии феодалҳо ва кулакҳо ҳамчун синфҳои истисморкунанда тадбирҳои муҳим маҳсуб меёфтанд. Дар ҳамин замина хоҷагиҳои бою кулакӣ барҳам дода шуда, онҳо аз воситаҳои истеҳсолот, ҳуқуқи истифодаи замин ва ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳрум карда мешуданд. Нисбати хонаводаҳои бою кулакҳо чораҳои маъмурӣ ва ҷиноӣ татбиқ карда шуда, онҳо ба минтақаҳои ноободу беодам кучонида мешуданд. Ҷараёни озодкунии хонаводаҳои кулакшуда аз минтақаҳои махсус дар охири солҳои 40 ва миёнаи солҳои 50 асри XX оғоз ёфт [9].

Дар давраи пасошуравӣ барҳам додани хоҷагиҳои кулакӣ ҳамчун амали таъқиботи сиёсӣ баҳо дода шудааст. Пленуми Суди Олии РСФСР дар амалияи судӣ барҳамдиҳии хоҷагиҳои кулакиро чун таъқиботи сиёсӣ, ки ба таври маъмурӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия бо сабабҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мутобиқи қарори КМ ВКП(б) аз 30 январи соли 1930 татбиқ шудааст ва дар маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳо, маҳрум намудан аз манзил, аз тамоми моликият ва ҳуқуқҳои интихоботӣ ифода ёфтааст, муайян намудааст [16].

Сиёсати мубориза зидди кулакҳо бо қабули қарорҳои ҳизбӣ ва санадҳои гуногун асоснок гардида, меёрҳои андозбандии фаъолияти меҳнатии кулакҳо пурзур карда шуда, аз хоҷагиҳои кулак ба маротиб зиёдтар андоз ва маҳсулоти тайёр ситонида мешуд. Дар мамлакат соли 1928 тартиби махсуси муайян намудани даромади хоҷагиҳои бой муайян гардида, барои хоҷигиҳои бой андози инфиродӣ муқаррар карда шуд [11]. Мақсади асосии чунин андозбандӣ ба минбаъд барҳам додани хоҷагиҳои бой равона гардида буд, вале аксар вақт хоҷагиҳои деҳқонони миёнҳол низ ба ҳамин тартиб андозбандӣ карда мешуданд.

Таҷриба нишон дод, ки бинобар аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муайян набудани номгуи нишонаҳои хоҷагии бою кулакҳо дар мавриди ба рӯйхат гирифтан ва барҳам додани хоҷагиҳои бою кулакӣ мақомоти маҳаллӣ деҳқонони миёнаҳол ва ҳатто деҳқонони камбағалро низ ба рӯйхати кулакҳо дохил карда, молумулк ва замини онҳоро мусодира менамуданд, ки норозигии сокинонро ба миён меовард. Масалан, тибқи ҳисоботи мақомоти ҳизбӣ соли 1928 дар округи Хуҷанд 978 адад хоҷагиҳо беасос барҳам дода шуда, замини онҳо мусодира гардид. Танҳо баъди ба марказ шикоят овардани деҳқонон ва санҷиши комиссия қисми зиёди ин хоҷагиҳо барқарор карда шуда, замини мусодирашуда ба онҳо баргардонида шуд [21, с.41].

Бояд қайд намуд, ки барои муайян намудани хоҷагиҳои ғайримеҳнатӣ, пурра андозбандӣ намудани хоҷагии феодалону боён ва танзими меҳнати кироя дар кишоварзӣ низомномаҳо оид ба андози ягонаи кишоварзӣ ва қарорҳои ҳукумати мамлакат оид ба муайян намудани нишонаҳои хоҷагии кулакӣ аҳаммияти бағоят калон доштанд.

Чунончӣ, дар низомномаи ИҶШС "Дар бораи андози ягонаи кишоварзӣ барои солхои 1929/30" аз 20 феврали соли 1929 нишонаҳои андозбандии хоҷагии инфиродӣ ворид карда шуданд. Тибқи он ҳамаи хоҷагиҳои зерин ҳамчун хоҷагии кулакӣ ба таври инфиродӣ андозбандӣ карда мешуданд: хоҷагиҳое, ки бо хариди маҳсулот барои фурӯш ва савдо ва судхӯрӣ машғул мебошанд; мунтазам меҳнати кирояро истифода мекунанд; дар хоҷагиашон осиё, чувоз, мошини арзанкашӣ (суккашак), пашмшонакунӣ, дастгоҳи хушккунии картошка ё меваю сабзавот доранд ё дигар корхонаи саноатӣ, ки муҳаррикҳои механикӣ доранд ё меҳнати кирояро истифода мекунанд ё дар хоҷагӣ осиёи бодию обӣ бо ду ё зиёда санги осиё доранд; бинохои барои истиқомат ё савдо муҷаҳҳаз доранд ё корхонаи саноатиро ба иҷораи доимӣ ё мавсимӣ медиҳанд [10].

ШКХ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳуқуқ доштанд миқдору даромаднокии хоҷагиҳои ба таври инфиродӣ андозбандишавандаро муайян намоянд. Ба комиҷрояҳои вилоят ҳуқуқ дода шуд, ки вобаста ба шароити маҳал ба номгӯи нишонаҳои ба тариқи инфиродӣ андозбандишаванда

тағйирот ворид намояд, ки барои мақомоти маҳаллӣ дар мавриди андозбандӣ ва мавриди барҳам додани хоҷагиҳои бою кулакӣ ҳатмӣ буданд.

Қарори якҷояи КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи тартиби татбиқи Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнат дар хоҷагиҳои кулакҳо» [17, с.338] аз 20 феврали соли 1929 ва қарори ШКХ ИҶШС "Дар бораи нишонаҳои хоҷагиҳои кулакҳо, ки нисбати онҳо бояд Кодекси қонунҳо оиди меҳнат татбиқ гардад" [8] аз 21 маи соли 1929 номгуи нишонаҳои хоҷагиҳои кулакҳоро муайян намуданд.

Дар асоси қарори ШКХ ИҶШС аз 21 маи соли 1929 барои муайян намудани хоҷагиҳои кулакӣ яке аз нишонаҳои зерин кифоя буд: а) мунтазам истифода намудани меҳнати кироя; б) доштани осиё, ҷувоз, дастгоҳи хушккунии меваю сабзавот, истифодаи двигатели механикӣ; в) даромади солонаи хоҷагии деҳқонӣ ба сари як хуранда аз 300 рубл зиёд бошад (камаш 1500 рубл ба оила); г) машғул шудан бо савдо; ба иҷора додани мошинҳои кишоварзӣ бо муҳаррикҳои механикӣ, биноҳо; д) ба иҷораи доимӣ ё мавсимӣ гирифтани биноҳои алоҳидаи муҷаҳҳаз барои манзил ё бизнес ва ғайра [3]. Шуроҳои комиссариати халқ ва комиҷроияҳои вилоятӣ дар мавриди муайян намудани хоҷагиҳои кулакӣ ҳуқуқ доштанд, ки шароити маҳалро ба назар гиранд.

Дар асоси ин санадҳо бори аввал нишонаҳои хоҷагии кулакӣ муайян гардида бошанд, ҳам, вале на ҳамаи нишонаҳо ва хислатҳои хоҷагии кулакӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мушаххас шуда буданд.

Барҳамдиҳии оммавии хоҷагии кулакҳо дар ИҶШС расман дар аввали соли 1930 бо қабули қарори Бюрои сиёсии КМ ВКП(б) "Дар бораи чораҳои барҳам додани хоҷагиҳои кулакӣ дар минтақаҳои коллективикунонии умумӣ" аз 30 январи соли 1930 ва қарори КИМ ва ШКХ "Дар бораи чораҳои мустаҳкам намудани азнавсозии кишоварзӣ дар районҳои коллективонии умумӣ ва мубориза бо кулакҳо" аз 1 феврали соли 1930 оғоз гардид [15, с.126].

Бо ин қарорҳо ҳуқуқи ба иҷора додани замин ва истифодаи меҳнати кироя дар хоҷагиҳои яккаи деҳқонӣ бекор карда шуд. Ба қатори чораҳои фаврӣ тибқи қарор ба фоидаи колхозҳо мусодира намудани воситаҳои истеҳсолот, чорво, мошинҳо, биноҳои истиқоматӣ ва хоҷагӣ, захираҳои ғалла дохил карда шуда буд. Хоҷагиҳои ба коллективонии кишоварзӣ муқобилат нишон дода ҳамчун хоҷагиҳои кулакӣ барҳам дода шуда, ба Шимоли Дур, Сибир, Урал, Қазоқистон фиристода шуда, ба корҳои кишоварзӣ, моҳидорӣ ва ҷангалбурӣ ҷалб карда мешуданд. Миқдори тахминии кулакҳои бадарға, ҳабс ва кучонидашаванда ва минтақаҳои он муайян гардида буд. Бадарға ва мусодираи молумулк ба тариқи маъмурӣ гузаронида мешуд [7, с.17].

Таъмини иҷрои қарорҳо оиди барҳам додану кучонидани хоҷагии кулакҳо ба зиммаи ОГПУ ИҶШС вогузор шуда буд. Тибқи дастуруламали махфии КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 4 феврали соли 1930 ва фармони махсуси ОГПУ ИҶШС №44/21 аз 2 феврали соли 1930, ки механизими истифодаи чораҳои таъқиботиро ба шахсони кулакшаванда муайян кард, барҳамдиҳии хоҷагиҳои кулакӣ, ҳабс ва кучонидани оилаҳои кулакҳо бо шиддат гузаронида мешуданд [1, с.111].

Рӯйхати деҳқонони бою кулак ва шахсони аз ҳисоби даромади муфт зиндагикунанда ва меҳнати кирояро истифодабарандаро маҷлису ҷамъомадҳои умумии деҳот қабул мекард ва он аз тарафи ҳокимияти ноҳиявӣ тасдиқ карда мешуд, маълумотномаҳои ОГПУ ва ё шаҳодати ҳамсояҳо низ ба назар гирифта мешуданд.

Бояд зикр намуд, ки дар мавриди барҳамдиҳии оммавии хоҷагии кулакҳо ногузир масъалаҳои мусодираи молу мулки хоҷагиҳо, кучонидану бадарға намудани деҳқонони кулак ва оилаҳои онҳо, кашонидану ҷойгир намудан, буду бош ва истифодаи меҳнати онҳо пеш омаданд, вале ин масъалаҳо низ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзим нашуда буданд ва тибқи дастурҳои мақомоти ҳизбӣ, фармонҳои ОГПУ, сиркулярҳои комиссарҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ ва маҳаллӣ амалӣ карда мешуданд.

Қарори Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) «Дар бораи тадбирҳо оид ба муносибати ҳамчун синф барҳам додани кулакҳо» [21, с.316] аз 28 январи соли 1930 ба таври махфӣ

қабул гардид ва тадбирҳои барҳам додани кулакҳоро хамчун синф дар минтақаҳои коллективонии умумӣ муайян намудааст. Ин қарор ду нишонаи асосиро муайян кард, ки дар ҳолати мавҷуд будани яке аз он нишонаҳо хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун хоҷагии кулакӣ зътироф гардида, бояд, ки барҳам дода мешуд: а) ба таври инфиродӣ андозсупоранда; б) хоҷагиҳое, ки аз ҳуқуқи интихоботӣ бо сабаби хоҷагии истисморкунанда будан маҳрум карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳаҷми андози супоридаи хоҷагӣ дар аксар мавридҳо боиси аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум гардидани сардори хоҷагӣ мегардид ва ба деҳқони бо ягон сабаб аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум шуда, фавран андози инфиродӣ муайян карда шуда, хоҷагии вай ба рӯйхати хоҷагиҳои “кулак” дохил мегардид. Маҳрум намудан аз ҳуқуқи интихоботӣ барои минбаъд ҳамчун кулак эътироф намудан ва барҳам додани хоҷагиҳои деҳқонон асоси кофӣ мегардид. Кулакҳо аз ҳуқуқи интихоботӣ, яъне аз интихоб шудан ва интихоб намудан маҳрум карда мешуданд. Шояд аз ҳамин сабабҳо дар байни кулакҳо ва шахсони аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум гардида, фарқи ҷиддӣ гузошта намешуд ва дар маҳалҳо ба хатоиҳо роҳ медоданд, миқдори парвандаҳои маҳрум намудани ҳуқуқи интихоботӣ меафзуд.

СКХ ҶШС Узбекистон 6 апрели соли 1930 қарори махсус қабул намуда, номгӯи нишонаҳои хоҷагиҳои кулакиро васеъ намуда, онҳоро ба таври зайл муайян намуд: а) хоҷагиҳое, ки барои корҳои кишоварзӣ ё ҳунармандӣ ва корхонаҳо мунтазам меҳнати кирояро истифода мебаранд; б) хоҷагиҳое ки осиё, ҷувоз, обҷувоз, хушкунаки меваю сабзавот, пашм ё дигар корхонаҳои саноатӣ дорад; в) мунтазам ё дар мавсим ба иҷора додани воситаҳои истеҳсолоти алоҳида, биноҳо барои истиқомат ё корхона; г) мунтазам ба иҷора додани мошинҳои алоҳидаи мураккаби кишовазӣ; д) бо шароити асоратовар ба иҷора гирифтани замин; е) ба иҷора додани замин дар ҳолати дар оила будани мардони қобилияти меҳнатӣ дошта ва имконияти хоҷагии коркарди замин ё истифодаи меҳнати чоряккорон; ё) хоҷагиҳое ки бо мақсади савдо ё истифодабарии саноатӣ боғҳо, токзор ва ғайраро ба иҷора мегиранд; ж) хоҷагиҳое ки аъзоёни он бо савдо, судхурӣ машғул буда ё дигар даромади ғайримеҳнатӣ доранд (аз ҷумла ходимони дин) [21, с.291].

Бо ин қарор номгӯи нишонаҳои хоҷагиҳои кулакӣ зиёд карда шуда, дар ҳолати мавҷуд будани яке аз нишонаҳои зикршуда хоҷагии деҳқонӣ чун хоҷагии кулакӣ эътироф карда мешуд. Ин муқаррарот ба Кодекси қонунҳои ҶШС Ӯзбекистон дар бораи меҳнат (соли 1929) низ ворид карда шуд, ки он дар ҶШС Тоҷикистон муваққатан то қабули қонунҳои ҷумҳурӣ амал мекард.

Дар ҶШС Тоҷикистон нишонаҳои хоҷагиҳои дехконии бою кулакиро низомнома “Дар бораи ба амал ҷорӣ намудани низоми андози ягонаи кишоварзӣ барои солҳои 1930-1931 дар Тоҷикистон”, ки 13 апрели соли 1930 бо қарори КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон тасдиқ шуда, ба он 26 декабри соли 1930 ва 8 январи соли 1931 тағйирот ворид гардидааст, муайян намуд. Тибқи моддаи 25 низомнома нишонаҳои хоҷагиҳои деҳқонии кулак муайян карда шуда, аз чунин хоҷагиҳо ба таври индивидуалй андоз гирифта мешуданд. Хусусиятхои хоҷагии бою кулакҳо аз руи характери истисморгаронаи онхо, яъне истифода намудани меҳнати чоряккорон, ихтиёрдорӣ намудан ба корхонаҳои саноатӣ, судхӯрӣ ва ғайра муайян карда мешуд [5].

Мувофиқи маълумоти мақомоти молия дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон шумораи хоҷагиҳои кулакӣ, ки бо андози ягона андозбандӣ мешудаанд дар соли 1931 то ба 5383 адад афзуда 2,4 % ташкил доданд [13, с.74], маблаги андози дар соли 1930/31 муайяншуда бошад 73,19% зиёд шудааст [18, с.699].

Ҳамаи хоҷагиҳои кулакӣ эътироф гардида ба таври инфиродӣ андозбандӣ карда шуда, ба чунин хоҷагихо ягон хел имтиёз дода намешуд. Нисбати деҳқонони андозро насупорида чун унсурҳои бою кулакӣ чораҳои маъмуриву ҷиноӣ татбиқ карда шуда, моликияти онҳо ба фоидаи колхоз мусодира мегардид. Танҳо ҳамон молумулке мусодира карда намешуд, ки ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ғайриандозӣ ба он нигаронида нашуда бошад. Дар қатори кулакҳо

деҳқонони миёнаҳол ва камбағал ҳам зери таъқибу фишорҳо қарор дода шуда, сардорони хоҷагӣ ва аъзоёни он аз ҳуқуқҳои граждании ва конститутсионӣ маҳрум мегардиданд.

Ҳамин тариқ, хоҷагии бою кулакҳо дар асоси рӯйхати шахсони аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрумшуда ва меҳнати кирояро истифодабаранда, ки маҷлису ҷамъомадҳои умумии деҳот қабул мекард, муайян карда мешуданд. Бо ҷорӣ намудани тартиби махсуси муайян кардани даромади хоҷагиҳои бой ва андози инфиродӣ, қабули қарорҳо оид ба танзими меҳнати кироя дар кишоварзӣ номгӯйи нишонаҳо ва меёрҳои андозбандии хоҷагии бою кулакҳо муайян шуда бошад ҳам, вале аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мушахас ва пурра набуданд.

Минбаъд васеъ намудани нишонаҳои хоҷагиҳои бою кулакӣ яке аз тадбирҳое буданд, ки барои зиёд намудани андозбандии хоҷагии феодалону боён, ӯҳдадориҳои ба давлат супоридани маҳсулоти кишоварзӣ ва бо меёрҳои баланд андозбандӣ намудани даромадҳои ғайрикишоварзии хоҷагиҳо мусоидат мекард. Аз ҷиҳати дигар деҳқононро барои аъзо шудан ба колхозҳо водор намуда, ба барҳам додани хоҷагии бою кулакҳо равона гардида буд. Барҳамдиҳии хоҷагии бою кулакҳо тибқи директиваҳои мақомоти ҳизбӣ, комиҷроияҳо, низомномаҳа, фармонҳои ОГПУ, сиркулярҳои комиссарҳо, санадҳои зерқонунӣ ва маҳаллӣ амалӣ карда шуда, деҳқонони миёнҳол ва камбағал низ мавриди таъқибу фишор қарор мегирифтанд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Иваницкий Н.А. Коллективизация и раскулачивание (начало 30-х годов): учебное пособие для гуманитарных вузов.Изд.2-е, дополненное и переработанное / Иваницкий Н.А. – Москва: Магистр, 1996.*
2. *История крестьянства в СССР Т.2. - Москва: Наука, 1986.*
3. *Ковалёв Д. В. Раскулачивание. Большая российская энциклопедия (bigenc.ru) / Ковалёв Д.В. / Дата публикации: 16 декабря 2022 г.*
4. *Кодекси Ҷиноятии РСФСР соли 1926 // Собрание законодательства 1926. - №9. ст. 71.*
5. *Коммунист Таджикистана. - 1931. - 31 марта.*
6. *Краткий политический словарь. – Москва: Изд. политической литературы, 1978.*
7. *Курицын В.М. История отечественного государства и права 1929 г.-22 июня 1941 г. / Курицын В.М. – Москва, 2009.*
8. *Қарори СКХ СССР "Дар бораи нишонаҳои хоҷагиҳои кулак, ки Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат татбиқ мегардад" аз 21 майи соли 1929 // Манбаъ: «http://ru.wikipedia.org/wiki/.*
9. *Мифы истории СССР. Электронный ресурс: http//wiki.istmat.info / миф: кулаки (дата обращения 06.02.2015).*
10. *Низомнома "Дар бораи андози ягонаи хоҷагии қишлоқ барои солхои 1929/30" аз 20 феврали соли 1929 // Собрания законодательства СССР. - 1929. - №12. - Ст.103.*
11. *Низомномаи КИМ ва СКХ СССР "Дар бораи андози ягонаи хоҷагии қишлоқ барои солҳои 1928-1929" 21 апрели 1928 // Собрание законодательства СССР. – 1928. - №24. - Ст. 212.*
12. *Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – Москва: ООО"АТЕМП", 2010.*
13. *Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.). – Душанбе: Дониш, 1968.*
14. *Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана / Ин-т истории партии при ЦК КП Таджикистана. Филиал Ин-та марксизма-ленинизма при ЦК КПСС. 3-е изд. – Душанбе, 1977.*
15. *Постановление Политбюро ЦК ВКП(б) «О мероприятиях по ликвидации кулацких хозяйств в районах сплошной коллективизации» от 30 января 1930 г.*
16. *Таъиноти Суди Олии Федератсияи Россия аз 30.03.1999 № 31-В98-9.*
17. *Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон / Тоҳиров Ф.Т. – Душанбе: Ирфон, 1994.*

18. *Трагедия советской деревни: коллективизация и раскулачивание. Документы и материалы. 1927-1939. В 5-ти томах. /Т.2. Ноябрь 1929-декабрь 1930. – Москва: РОССПЭН, 2000.*
19. *Трагедия среднеазиатского кишлака: коллективизация, раскулачивание, ссылка. 1929-1955 гг.: Документы и материалы.Т.1 / Сост. Р.Т. Шамсутдинов, Б.М. Расулов. - Ташкент: Шарқ, 2006.*
20. *Фармони ОГПУ СССР таҳти № 44/21 аз 2 феврали соли 1930 // Манбаъ: http://sovdoc.rusarchives.ru*
21. *Шамсутдинов Р. Узбекистонда советларнинг кулоклаштириш сиёсати ва унинг фоҷеали оқибатлари / Шамсутдинов Р. – Тошкент: Шарқ, 2001.*


**REFERENCES:**


1. *Ivanitsky N.A. Collectivization and Dispossession of (the) Kulaks (beginning of 30's years): manual for the humanitarian instistutions. The second edition, amended and supplemented / Ivanitsky N.A. – Moscow: Magister, 1996.*
2. *The History of the Peasants in USSR V.2. - Moscow: Nauka, 1986.*
3. *Kovalyov D.V. Dispossession of the Kulaks. Big Russian Encyclopedia (bigenc.ru) / Kovalyov D.V. / Publication Date: December 16, 2022.*
4. *Criminal Code of RSFSR of 1926 year // Collection of Legislation of 1926. - №9. PP. 71.*
5. *Communist of Tajikistan. - 1931. – March 31.*
6. *Brief political dictionary. – Moscow: Publishing house of political literature, 1978.*
7. *Kuritsin V.M., The History of Native State and Law of 1929.- June 22, 1941. / Kuritsin V.M. – Moscow, 2009.*
8. *The Decision of AB USSR "On the Signs of Kulak Farm, that the Code of Law of Labour are effected" from May 21, 1929 // Electronic resource: «http://ru.wikipedia.org/wiki/.*
9. *Myths of the History of USSR. Electronic resource: http//wiki.istmat.info / myth: kulaks (date of appeal 06.02.2015).*
10. *Regulations of "On the Single Agricultural Tax for 1929/30 years" from February 20, 1929 // Collection of Legislation of USSR. - 1929. - №12. - PP.103.*
11. *Regulations of CEC and CPC USSR "On the Single Agricultural Tax for 1928-1929 years" April 21, 1928 // Collection of Legislation of USSR. – 1928. - №24. - PP. 212.*
12. *Odgegov S.I., Shvedova N.U. Russian Explanatory Dictionary. – Moscow: Ltd"ATEMP", 2010.*
13. *Article of the History of Kolkhoz Building in Tajikistan (1917-1965). – Dushanbe: Donish, 1968.*
14. *Article of the History of Communist Party of Tajikistan / History party institute under the CC CP of Tajikistan. Branch of the institute of marksicm-leninizm under the CC CPSU. The third edition. – Dushanbe, 1977.*
15. *The Decision of Politburo of CC CPSU(B) «On Events of Liguidation of Kulaks Farm in the Regions of the Total Collectivization» from January 30, 1930.*
16. *Russian Federation Supreme Court Appointment from 30.03.1999 № 31-В98-9.*
17. *Tohirov F.T. Right Improvement in Tajikistan. / Tohirov F.T. – Dushanbe: Irfon, 1994.*
18. *Tragedy of Soviet Village: Collectivization and Dispossession of the Kulaks. Documents and materials. 1927-1939. In 5 volumes. /V.2. November 1929-December 1930. – Moscow: ROSSPEN, 2000.*
19. *Tragedy of Central Asiatic of the Village: Collectivization, Dispossession of the Kulaks, Exile. 1929-1955.: Documents and materials.V.1 / Authors R.T. Shamsutdinov, B.M. Rasulov. - Tashkent: Sharq, 2006.*
20. *Order OGPU USSR under № 44/21 from February 2, 1930 // Electronic resource: http://sovdoc.rusarchives.ru*
21. *Shamsutdinov R. Policy of Dispossession of the Kulaks of Uzbekistan Council and its Tragedic Consequences / Shamsutdinov R. – Tashkent: Sharq, 2001.*